Такдимоти китоб

# «Шабҳои пурситора» ба забони англисӣ

Фотима ТИЛЛОЕВА

**Дар маҷлисгоҳи Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд ба шарафи зодрӯзи шоҳ ва шоири бузурги ӯзбек Заҳириддин Муҳаммад Бобур анҷумани маънавӣ-маърифӣ ва тақдимоти романи Примқул Қодиров «Шабҳои пурситора» («Юлдузли тунлар») ба забони англисӣ баргузор гардид.**

Онро тарҷумонҳои моҳир ректори институт И.М.Тӯхтасинов ва У.Р.Йӯлдошев, А.А.Ҳамидов аз забони ӯзбекӣ ба англисӣ баргардондаанд.

Дар такдимот доктори фанҳои филология, профессор Муҳаммадҷон Холбеков, раиси шӯъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Тошпӯлод Туғалов, олими бобуршинос Абдураҳим Туробов, номзади фанҳои таърих Маърифат Ҳандамова баромад намуда, оиди тарҷумаи асар фикру мулоҳизаҳои худро баён намуданд.

Чуноне ки тарҷумон Илҳом Тӯхтасинов таъкид намуд, ин асар барои омӯзиши таърихи аҷдодонамон аҳамияти калон дорад ва ба аҳли хонандагони забони англисӣ ҳадяи хубе аст.




Дар китоб терминҳои хоси менталитети халқи мо дар охири асар оварда шудааст.